Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 014
назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди
Тоҷикистон бо суроғаи ш.Душанбе, 734067,
кӯчаи Нахимов, 64/14

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Амонзода Анушервон Намоз дар мавзуи «Мукаммалсозии сохтори ҳудудии иқтисодиёт дар асоси модернизатсияи иқтисодиёти минтақа (дар асоси маводҳои вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) пешниҳод гардидааст.**

Дар таҳқиқоти илмии худ унвонҷӯ дуруст қайд намудааст, ки дар шароити муосири рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мин-тақаҳои он, зарурати аз нав дида баромадани механизми мукаммалгардонии ҷараёнҳои идоракунии минтақавии истифодаи захираҳои табиии ҷойдошта дар асоси модернизатсияи иқтисодӣ ба миён омад. Шароити иқтисодии мин-тақаҳои ҷумҳурӣ, ки аксарияти он дар шароити номусоиди табиӣ арзи вуҷуд доранд, механизми ягонаи амалкунандаи истифодаи оқилонаи захираҳои та-бииро тақозо дорад. Бештари муаммоҳои ҷойдошта бидуни беҳтарсозии ҳудуди иқтисодӣ ғайриимкон аст. Муаммои асосӣ дар сохтори ҳудудии иқтисодиёт истифодаи самараноки захираҳои табиӣ аз ҷониби субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ мебошад. Дар ин раванд модернизатсияи иқтисодии фаъолияти истеҳсоли бахши воқеии иқтисодиёт (саноат ва кишоварзӣ) ҳисоб меравад.

Бояд қайд кард, ки фаъолияти соҳаҳои иқтисоди миллӣ дар ҳудуди минтақаҳои кишвар якзайл набуданд ва вобаста аз мавҷудияти иқтидори иқтисодии ҳар як минтақа дар бахши воқеии иқтисодиёт ва шароитҳои ҷуғрофӣ низ дигаргун буданд. Мушкилии дигар дар ин самт ин васеъшавии доираи фаъолияти баъзе соҳаҳои иқтисоди миллӣ дар минтақаҳое, ки дорои захираҳои маҳдуди та-бииро нисбати дигар минтақаҳо дар ихтиёр доранд ва ин ҳолат тақозо мена-мояд, ки механизми танзимнамоии раванди модернизатсияи иқтисодӣ му-каммал гардонида шавад

Вобаста ба ин қайд кардан зарур аст, ки дар автореферат аз тарафи унвонҷӯ як қатор таҳлилҳои ҳадафрас анҷом гардидааст, ки моҳияти илмӣ ва амалии рисоларо дар сатҳи зарурӣ инъикос менамояд. Новобаста аз оне, ки

дар автореферати унвонҷӯ муваффақиятҳо зиёд аст, боз беҳтар мегардид агар унвонҷӯ ба масъалаҳои зерин аҳамияти аввалиндараҷа медод:

1. Агар муаллиф чораҳои мушаххас оид ба модернизатсияи соҳаҳои асосии иқтисодиёти вилояти мазкур пешниҳод менамуд, масалан, тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои нав ё рушди инфрасохтор.

Аммо, эродҳои мазкур арзиши илмии кори анҷомёфтаро коста намегардонанд. Чуноне аз автореферати диссертатсия бармеояд, кори Амонзода Анушервон Намоз дар мавзуи «Мукаммалсозии сохтори ҳудудии иқтисодиёт дар асоси модернизатсияи иқтисодиёти минтақа (дар асоси маводҳои вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботиҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Амонзода Анушервон Намоз сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Мудири кафедраи андоз ва андозбандии**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав н.и.и., дотсент** **Холов Т.А.**

Дурустии имзои Холов Т.А-ро тасдиқ менамоям
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.

**Суроға:**
735140 , ш.Бохтар кӯчаи Айни,67
Тел: +(992)3222-2-54-81
Факс: +(992)3222-2-22-53
E-mail: T.holov-87@mail.ru